# Тақриз

**муқаррizi холис ба рисолаи Сафарзода Ғазалшоҳ Ғулом «РУШДИ МАОРИФИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ДАР ОХИРИ АСРИ XX - ИБТИДОИ АСРИ XXI (ДАР ЗАМИНАИ МАВОДИ МИНТАҚАИ КӮЛОБ)**

Мавзӯи интихобкардаи тадқиқотчӣ ба ақидаи мо ба яке аз масъалаҳои мубрами ҳозиразамон ва бегуфтугу дар илми таърихнигоҳии ҷумҳурӣ то ин дам аз ҷониби олимон коркарда нашуда маҳсуб аст. Ба ҳамагон пӯшида нест, ки дар зарфи 31 соли истиқлолияти ҷумҳурӣ бо сарварии пешвои миллат ба душвориҳои маълум нигоҳ накарда, соҳаи маориф ҳамаҷониба рушту инкишоф ёфт.

Муаллиф дар боби аввал зербоби якуму ва дуюми рисола дар асоси маводҳои зиёд ва боварибахш вазъияти маорифи халқро дар собиқ вилояти Кӯлоб дар арафаи пошхурадани Иттиҳоди Шӯравӣ таҳлилу тадқиқ кардааст. Дар зербоби дуюм бошад шароити мудҳиши ҳарбӣ сиёсии ҷумҳуририро дар солҳои даргирии ҷанги шаҳрвандӣ ба қалам дода, муаллиф барҳақ илман исбот менамояд, ки ин вазъият читавр ба пешрафти аке аз соҳаҳои муҳими ҳаёти ҷмаъиятӣ, яъне соҳаи маориф ва вобаста ба ин тайёр кардани кадрҳои ин соҳа ҳисороти зиёде ба бор овард.

Дар бобу зербобҳои минбаъда, яъне дар давраи ба даст овардани тинҷиву оромӣ дар ҷумҳурӣ ва минҷумла дар манотиқи вилояти Кӯлоб бо сарварии пешвои миллат чи тавр дар давраи нисбатан кутоҳ соҳаи маорифи халқ рӯ ба рушту инкишоф ниҳода, ба яке аз шохаҳои тараққикардаи ҳаёти ҷамъиятӣ табдил ёфт, аз нуқтаи назари илмӣ таҳлилу тадқиқ карда шудааст. Дар муқадимаи рисола, тадқиқотчӣ тавонистааст, мубрамии соҳои маорифро дар тадқиқоти илмӣ нишон диҳад. Дар ин самт ӯ тавонистааст дараҷаи дар илми таърих омӯхта шудан ва ё кам омӯхташудани мавӯъи тадқиқотиашро аниқу равшан диҳад. Дар ин қисми рисола муаллиф сарчашмаҳои тадқиқотро чуқур

таҳлил намудааст. Дар муқадима муаллиф ба ақидаи мо ба навгониҳои тадқиқот диққат кардааст.

Хулоса, баъд аз чуқур ошно гаштан ба ин кори тадқиқотӣ мо ба хулосае омадем, ки олими ҷавон бо қадамҳои боварибахш ба шоҳроҳи илми таърих дилпуррона гом мезанад. Ӯ ба ақидаи мо асосан вазифаи дар назддаш гузоштаро иҷро карда тавонистааст.

Дар охир бояд зикр кард, ки кори диссертасионие, ки мо мавриди муҳокима қарор додем бо роҳбарии профессор Убайдулло Насрулло Каримзода омода шуда, тадқиқотчӣ Сафарзода Ғазлшоҳ Ғулом ба мақсади асосӣ расидааст, аз ин рӯ ба ақидаи мо диссертатсияро ба ҳимоя тавсия додан мумкин аст.

**Доктори илмҳои таърих,**

**Бобомуллоев С.Ғ.**